*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Махшулов Саидхуҷа Ҷумаевич ба диссертатсияи Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳоиилм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар ҳақиқат, баррасии ҷиддӣ ва амиқи мухтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқарризро ба хулосае водор кард, ки ихтисоси диссертатсия ба сархатҳои 1.5, 2.14, 9.1, 9.5, 10.5 ва 10.23-и шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи барои экспертиза равоншуда - «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масъалаҳои ташаккули маблағгузориҳои хурд ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди низоми бонкӣ дарҷ гардидааст.

Ташаккул ва рушди низоми маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгирои нокифояи молиявӣ, масъалаи хеле муҳим ба назар мерасад. Қарздиҳии хурд барои қисми зиёди аҳолӣ имконияти беназири дастрасӣ ба захираҳои молиявиро фароҳам меорад. Ин рушди тиҷорати хурду миёнаро ҳавасманд мекунад, сатҳи камбизоатиро коҳиш медиҳад ва ба рушди устувор, хусусан дар минтақаҳои деҳот мусоидат мекунад. Илова бар ин, дар шароити ноустувории иқтисодии ҷаҳонӣ, маблағгузории хурд ҳамчун воситаи муҳимтарини дастгирии фаъолияти иқтисодӣ ва таъмини устувории молиявии аҳолӣ баромад мекунад. Рушди технологияҳои рақамӣ барои васеъ кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои маблағгузории хурд дурнамои нав мекушояд ва дастгирии давлатӣ барои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд шароити мусоид фароҳам меорад.

Аҳамияти ташаккули низоми маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба омилҳои иқтисодӣ, балки ба омилҳои иҷтимоӣ низ вобаста аст. Қарзҳои хурд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунанд, алахусус барои занон ва ҷавонон, ки сатҳи бекориро коҳиш медиҳанд ва суботи иҷтимоиро афзоиш медиҳанд. Илова бар ин, маблағгузории хурд ба

рушди корхонаҳои хурду миёна мусоидат мекунад, ки аксар вақт ба қонеъ кардани ниёзҳои маҳаллӣ нигаронида шудаанд, ки ин ҳамбастагии иҷтимоиро тақвият медиҳад ва сифати зиндагии аҳолиро беҳтар мекунад.

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло маълум аст, ки ташаккул ва рушди низоми маблағгузории хурд дар Тоҷикистон вазифаи ниҳоят муҳим аст. Ин ба фарогирии пасти молиявии аҳолӣ, бахусус дар деҳот, зарурати ҳавасмандгардонии тиҷорати хурду миёна ва аҳамияти дастгирии аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир вобаста аст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии илмию назариявии ҷараёнҳои маблағгузории хурд бо назардошти аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он, пайгирии раванд ташаккулёбии он дар доираи низоми молиявию қарзии мамлакат, коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии афзорҳои молияи хурд иборат мебошад.

Таҳлил нишон дод, ки дастовардҳои зерини муаллиф аз унсурҳои навгонии илмӣ холӣ нестанд:

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ мафҳуми маблағгузории хурд вобаста ба ҳадафҳои мушаххаси дар ибтидо гузоштаашударо пешниҳод кардааст. Мутобиқи ин: а) маблағгузории хурд муносибатҳои мушаххаси молиявию қарзии байни ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун қарздиҳанда аз як тараф ва соҳибкорони хурд ҳамчун қарзгиранда аз тарафи дигар; б) маблағгузории хурд – ин раванди пешниҳоди захираҳои молиявӣ дар шакли қарз бо риояи чор принсипи асосӣ (пардохт, пардохтпазирӣ, эътимоднокӣ, истифодаи мақсаднок) бо мақсади дастгирии аҳолии камбизоат ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Унвонҷӯ принсипҳо ва вазифаҳои маблағгузории хурд ҳамчун омили паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини устувории ташкилотҳои қарзӣ, мусоидат ба рушди соҳибкории хурд, диверсификатсияи хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳамзамон омӯхтан ва асоснок кардани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар танзими фаъолияти маблағгузории хурд, ки дар умум ба кори муътадили низоми молия дар мамлакат таъсири мусбат мерасонад мушаххас намудааст.

Муаллиф иқтидори ташкилотҳои қарзӣ дар соҳаи маблағгузории хурд дар асоси таҳлили дараҷаи таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла тавозун, хизматрасонӣ, пасандозҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори молиявӣ ва ҳамзамон таҳлили қарзҳо вобаста ба намудҳои моликият ва соҳа аз тарафи ташкилоти маблағгузории хурд асоснок кардааст.

Муҳаққиқ мушкилоти асосии боздорандаи рушди бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла, зарурати мавҷудияти масъулияти ҳатмии молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар назди мизоҷон ва низоми суғуртакунонӣ, паст будани меъёри пасандозҳо, саводнокии нокифояи молиявии қарзгирандагон, меъёрҳои баланди қарз, рақобати қавӣ бо қарздиҳандагони ғайриқонунӣ ва ғайра ошкор намудааст.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии амонатии хурд барои солҳои 2015-2022 ва дар ин замина бо истифода аз усулҳои оморӣ ва математикӣ татбиқ шудааст, махсусан моделҳои силсилаи вақт, таҳияи дурнамои маблағгузории хурд ва пардохтҳои онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2023-2030. Муайян карда шуд, ки дар шаш соли оянда ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда зимни бетағйир боқӣ мондани дигар ҷузъҳои таркибӣ, 31,1 фоиз меафзоияд, ки ин аз дурнамои хуб ва самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд шаҳодат медиҳад.

Дар асоси таҳқиқот худ диссертант стандартҳои муосири маблағгузории хурд, тавсияҳои амалӣ ва методӣ оид ба фаъолсозии он дар кишвар, пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба таҳияи ҷузъҳои таркибии меъёрию ҳуқуқии қарздиҳии хурд, коҳиш додани хавфҳои қарзӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои маблағгузории хурд, инчунин сохтори сесатҳаи низоми бонкӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳамчун сатҳи сеюми он ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод кардааст.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия мукаммалгардонии пойгоҳи мафҳумии маблағгузории хурд ҳамчун муносибати махсуси молиявию қарзӣ дар байни ташкилотҳои қарзӣ ва муштариёни онҳо, маҷмуи захираҳои молиявӣ, ки дар ҳаҷми хурд пешниҳод гардидани қарзҳоро бо риояи принсипҳои дахлдор ва истифодаи мақсаднок дар назар дорад; муайян карда шудааст хусусиятҳо, принсипҳо ва методҳои ташкили маблағгузории хурд ҳамчун омили кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва тақвияти устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ, вусъатёбии соҳибкории хурд, танаввуъ ва сифати хизматрасониҳои молиявӣ; арзёбии вазъи муосири маблағгузории хурд дар Тоҷикистон, дарёфти заминаҳои таҳкими иқтидори ташкилотҳои қарзӣ дар самти маблағгузории хурд, ҳамчун шакли махсуси миёнаравии молиявӣ, нишон додани саҳми маблағгузории хурд дар беҳтаршавии шароити иқтисодию иҷтимоии шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар кишвар; пешниҳоди роҳҳои илман асосноки рафъи омилҳои маҳдудкунандаи рушди маблағгузории хурд дар Тоҷикистон, аз ҷумла, бо ёрии технологияҳои муосири иттилоотӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои маблағгузории хурд; тартиб додани дурнамои маблағгузории хурд ва дурнамои қарзҳои хурди додашуда ва пардохти онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2023-2030, таҳияи дурнамои маблағгузории хурд ва пардохтҳои онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2023-2030; ироаи тарзҳои мукаммалгардонии маблағгузории хурд дар Тоҷикистон, аз он ҷумла мукаммалгардонии стандартҳои маблағгузории хурд, идоракунии хавфҳои қарзии маблағгузории хурд ва инчунин, такмили сохтори низоми бонкӣ.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он аст, ки кори диссертатсионии муаллиф иборат аз таҳияи муқаррароти назариявию методологие мебошад, ки онҳоро метавон барои таҳқиқотҳои минбаъда дар соҳаи инкишофи бахши маблағгузории хурд

мавриди истифода қарор дод. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки таҳлили иқтисодию назариявӣ ва молиявии ҳолати фаъолияти бахши маблағгузории хурд амиқтар карда шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои бадастомада дар бахши макроиқтисодӣ дар шакли такмилёфта метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи сиёсати молиявии давлат шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ дар асоси пурра амалӣ намудани имкониятҳои молиявии онҳо нигаронида шудаанд. Маблағгузории хурд ба қишрҳои аз ҳама осебпазири аҳолӣ ва истеҳсолоти хурд нигаронида шудааст.

Натиҷаҳои амалии кори диссертатсионии пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии барои ташаккули маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар низоми идоракунии Бонки миллӣ, Вазорати молия ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, инчунин барои муҳақиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ хизмат кунанд. Барои таҳияи стратегияи амсиласозии низоми қарзӣ бо дарназардошти инкишофи барномаҳои дастгирии фаъолияти маблағгузории хурд имкон фароҳам биоваранд ва дар ниҳоят, иқтидори пойгоҳиро барои низоми қарзии Тоҷикистон, минҷумла, баланд бардоштани сатҳи пулдории иштирокчиёни бахши маблағгузории хурд бо дарназардошти асосҳои ба таври кофӣ маҳдуди меъёрию ҳуқуқӣ, ки аз танзими зоҳирӣ ва набудани рейтингҳои берунӣ, вазъияти воқеии ташкилотҳои маблағгузории хурд бар меояд, кушода дода метавонанд.

**5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои чопшудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсия нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**6. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Имомализода Б.Б. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**7. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, ҳашт зербоб, 21 ҷадвал, 9 расм, 4 диаграмма, хулоса иборат буда, бо истифода аз 196 сарчашма таҳия карда шуда, дар 175 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия бандҳои дахлдор тибқи муқаррарот, аз ҷумла мубрамӣ ва сатҳи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объекту фарзия ва навгониҳои таҳқиқот асоснок гардида, асосҳои назариявию методологӣ ва аҳамияти илмию амалии он баён карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявию методии ташкили маблағгузории хурд»** ба таҳқиқи асосҳои назариявии ташкили маблағгузории хурд, хусусиятҳо, принсипҳо ва методҳои ташкили маблағгузории хурд, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди маблағгузории хурд ва имконияти татбиқи он дар Тоҷикистон, бахшида шудааст (саҳ.14-61).

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки маблағгузории хурд бештар ба рушди соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шудааст, яъне рисолати иҷтимоиро бо ба даст овардани самараи тиҷоратӣ дар назар дорад. Ҷараёни маблағгузории хурд, сарфи назар аз рисолати бузурги иҷтимоияш, ки дар боло гуфта шуд, дар асоси принсипҳои фоидаоварӣ, баргардандагӣ, таъминнокӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад. Қишрҳои нисбатан камбизоати аҳолӣ бо дастрасӣ ба маблағгузории хурд тиҷорати худро ривоҷ медиҳанд ва ин, барои тадриҷан ба гурӯҳи осудаҳоли шаҳрвандон шомил шудани онҳо мусоидат мекунад (саҳ. 19-23)

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки маблағгузории хурд дар Тоҷикистон ба ҳавасмандгардонии аҳолӣ барои шуғл ва шомили на танҳо маблағгузории шахсоне, ки вазъияти пасти молиявӣ доранд, балки маблағгузории соҳибкории хурд, – ашхосе, ки ба таври мустақилона худро ба кор таъмин мекунанд, равона карда шудааст. Таҳлили назариявии гузаронидашуда имкон дод, алоқаи мутақобила дар байни маблағгузории хурд бо андозаҳои шаклҳои хурди хоҷагидорӣ, соҳибкории хурд ва қарзҳои хурд муайян карда шавад (29-32).

Дар доираи боби якум муаллиф қайд мекунад, ки ташкили маблағгузории хурд ҳам ҷанбаи иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ дорад. Гуфтан мумкин аст, ки маблағгузории хурд ин тиҷоратест, ки рисолаташ ҳалли мушкилоти иҷтимоист. Вазифаҳои иқтисодии маблағгузории хурдро чунин номбар кардан мумкин аст: а) густариш ва тавсеаи бахши соҳибкории хурд; б) беҳтарсозии фаъолияти низоми молиявӣ ва тавсеаи фарогирии он; в) таъмини суботи молиявии соҳибкории хурд; г) барои ин категорияи қарзгирандагон ба вуҷуд овардани таърихи қарзӣ, ки имконияти дар оянда ба қарзҳои бонкҳои анъанавӣ дастрасӣ пайдо кардани онҳоро зиёд мекунад; д) тавсеаи феҳристи хизматрасониҳои молиявӣ ва тақвияти сатҳу сифати онҳо (с.27-43).

Дар боби дуюми диссертатсия - «Таҳлили вазъи муосири ташаккули маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба таҳлили вазъи муосир ва хусусиятҳои ташаккули маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва арзёбии самаранокии маблағгузории хурд тавассути ташкилотҳои қарзӣ ва баррасии мушкилоти асосӣ дар раванди ташкили маблағгузории хурд дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Муаллиф дар доираи **боби дуюми диссертатсия** нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, таъсири маърифати

молиявии аҳолӣ ба ҷараёни ташаккули онҳо баррасӣ намудааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки агар аҳолӣ дорои саводи молиявии кофӣ бошад, пас бо ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти самаранокро роҳанозӣ менамояд, ки ба манфиати ду ҷониб мебошад (с. 62-108).

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки Ташкилотҳои молиявӣ муҳимтарин ҷузъҳои институтсионалии низоми молиявию қарзӣ маҳсуб ёфта, рисолати аз ҳама муҳимми онҳо ҳамон миёнҷигарии молиявист, ки аз як тараф, сармояи пулиро ҷамъ мекунанду аз тарафи дигар, дар шакли қарз, онро аз нав тақсим менамоянд. Бо ҳамин роҳ, ташкилотҳои қарзӣ муҳимтарин талаботи субъектҳои бозор – эҳтиёҷ ба пулро қонеъ мегардонанд. Субъектҳои бозори молиявӣ ҳам барои гирифтани даромад дар шакли ҷойгиркунии пасандозҳои худ ва ҳам барои гирифтани қарз барои пешбурди тиҷорат, ногузир бояд ба миёнарави молиявӣ муроҷиат намоянд, ки инҳо ҳам бошанд, маҳз бонкҳо ва ташкилотҳои амонатӣ ва маблағгузории хурд ба хисоб меравaнд (61-72).

Пас аз омӯзиши ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқот муаллиф қайд мекунад, ки дар "Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон" ҷанбаҳои сифатии сохтори бахши бонкӣ, инчунин ҷой ва нақши низомофарии бонки миллӣ бонкҳои тиҷоратӣ, инъикос ёфтаанд, масъалаи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки масъалаи ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар ҳуҷҷатҳои минбаъдаи стратегӣ ҷой додан ба манфиат кор хоҳад шуд (с.73-82)

Дар умум, самаранокии маблағгузории хурд аз риояи қатъии принсипҳои асосии қарздиҳӣ, ки дар зербобҳои қаблӣ гуфта гузаштем, маншаъ мегирад. Масъулиятнокии қарзгирандагон дар адои уҳдадориҳои худ, кордонӣ ва соҳибкасбии кормандони ташкилотҳои қарзӣ самаранокии маблағгузории хурдро баланд бардошта, бо ҳамин, ба такрористеҳсоли васеъ, азнавтақсимшавии захираҳои молиявӣ, суръатгирии гирдгардиши сармояи пулӣ таъсири мусбати худро мегузорад (84-91)

Боби сеюми диссертатсия - **«Роҳҳои асосии мукаммалгардонии раванди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба муайянкунии хавфу хатарҳо ва имкониятҳои паст намудани он дар ҷараёни маблағгузории хурд, дарёфти самтҳои асосии такмили танзими давлатии бозори маблағгузории хурд дар Тоҷикистон ва такмили фаъолияти маблағгузории хурд дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Бояд қайд намоем, ки имрӯзҳо дар раванди маблағгузории хурд масъалаи идоракунии сифат дар мадди аввал баромааст. Чунки вобаста ба он самаранокии захираҳои ниҳодҳои қарзӣ ва дараҷаи боварии муштариён ба онҳо ташаккул меёбад. Агар дар субъектҳои қарздиҳанда сифати қарз паст шавад, ин маънои кам шудани даромадро дорад. Онҳо маҷбур мешаванд, ки як қисми имкониятҳои худро барои бартараф намудани қарзҳои бесифат равона кунанд. Ин бошад, хараҷоти трансаксионии онҳоро зиёд мекунад. Аз ҷониби муштариён бошад, боварӣ коста мегардад, ки ин ҳатто ба руҳияи сармоягузорони эҳтимолӣ низ бетаъсир намемонад. Дар натиҷа раванди маблағгузории хурд ғайримутавозин мегардад ва ташкилотҳои ба маблағгузории хурд шуғлдошта персонали калидии худро аз даст медиҳад.

(саҳ. 117-121).

Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва таҳлили рушди маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур донистааст, ки бозори маблағгузории хурд дорои иқтидори калон мебошад, аммо танзим ва назорати он ҷараёни сода нест, чунки танзимгар одат кардааст, ки бо ташкилотҳои қарзӣ кор кунад, соҳибкории он калонҳаҷм буда, аз соҳибкории ташкилотҳои молиявии хурд калонтар мебошад. Ҳатто замоне ҳам буд, ки Бонки миллӣ ба фаъолияти маблағгузории хурд таваҷҷуҳ зоҳир намекард, аммо бо гузашти замон имрӯз вазъият хеле тағйир ёфта фарқ кардааст ва диду назари Бонки миллӣ нисбат ба ин сегменти бозори молиявӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтааст (саҳ.132-139).

Дар диссертатсия муаллиф чунин меҳисобад, ки меъёрҳои баланди фоизӣ ва талаботи гарав монеаҳои назаррас барои дастрасии тиҷорати хурд ва миена ба қарздиҳии бонкӣ мебошанд. Ин монеаҳо махсусан барои стартапҳо ва ширкатҳое, ки қазри кофӣ ё дороиҳои пардохтпазир барои гарав надоранд, эҳсос мешаванд. Дар натиҷа, бисёре аз корхонаҳои хурду миёна маҷбур мешаванд, ки ба манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ, ба монанди ташкилотҳои маблағгузории хурд ё краудфандинг муроҷиат кунанд, ки ин аксар вақт бо хароҷоти боз ҳам баландтар алоқаманд аст. Ҷорӣ намудани барномаҳои қарзии чандир, кам кардани талабот ба гарав ва меъёрҳои фоизӣ метавонад дастрасӣ ба қарзҳои бонкиро барои ин бахш хеле осон кунад. Ғайр аз он, ташкили барномаҳои махсуси кафолати қарзи давлатӣ барои тиҷорати хурд метавонад ба коҳиш додани хавфҳо барои бонкҳо ва ҳавасмандгардонии қарз мусоидат кунад. Беҳтар кардани шароити маблағгузории тиҷорати хурду миёна бевосита ба рушди соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад, ки ба иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат мерасонад (саҳ.139-145).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани маърифати молиявӣ пешниҳод шудааст. (саҳ. 138-150)

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Имомализода Б.Б. дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**9. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Дар таҳияи диссертатсия муаллиф хусусан дар зербоби 1.1. ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро нисбати масъалаи баррасишаванда овардааст. Хуб мешуд агар муаллиф ақидаи мунақидонаи худро ба таври васеътар шарҳ медод;

2. Дар доираи боби якум, зербоби 1.3. диссертант таҷрибаи зиёди мамлакатҳои хориҷиро оид ба ташаккулёбӣ ва рушди маблағгузориҳои хурд таҳлил кардааст. Ба ақидаи мо, кор боз ҳам хубтар мешуд агар муаллиф

таҷрибаи давлатҳои ИДМ-ро таҳлил менамуд ва имконияти истифодаи таҷрибаҳои ҳамин давлатҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон меовард.

3. Дар диссертатсия робитаи байни муҳити мавҷудаи институтсионалӣ ва рушди бахши маблағгузории хурд ошкор шудааст, вале таҳлили монеаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва инфрасохторӣ, ки ба рушди маблағгузории хурд дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ мешаванд, муфассал номадааст.

4. Дар рисола механизмҳои идоракунии хавфҳои хоси ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз ҷумла хавфҳои баргардонидани қарзҳо, хавфҳои амалиётӣ, ки аз сатҳи пасти рақамисозӣ ба вуҷуд омадаанд, инчунин хавфҳои макроиқтисодӣ, ба монанди таваррум ва тағйирёбии қурби асъор пешниҳод карда нашудаанд. Хуб мешуд агар диссертант ба ҳамин масъалаҳо аҳамияти ҷиддӣ медод.

Вале эродҳои мазкур ҳаргиз арзиши баланди илмию назариявии кори анҷомёфтаро коста намегардонанд ва ҳамчун тавсия барои пажӯҳишҳои минбаъдаи муаллиф ироа мегарданд.

**10. Хулосаи умумӣ**

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ Махшулов С.Ҷ.

Дурустии имзои **Махшулов С.Ҷ.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14
Тел: +992 555563308
E-mail: saidhuja1986@mail.ru